«Тасдиқ мекунам»
Ректори ДМТ, профессор
____________Насриддинзода Э.С.
«_______»____11_____2024

Хулосаи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсияи Насриддинов Ҳукмиддин Наҷмиддинович дар мавзуи «Консепсияи фазилати инсон дар осори ахлоқии Муҳаммад Ғаззолӣ» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа дар кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафа омода шудааст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони факултети фалсафа аз 20.11.2019, суратмаҷлиси №4 тасдиқ шудааст.

Насриддинов Ҳукмиддин Наҷмиддинович тибқи фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 25.04.2019 таҳти №164-05 ба ҳайси унвонҷӯ дар кафедраи онтология ва назарияи маърифат қабул гардида, аз 26.04.2024 таҳти №136-05 ба кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоӣ гузаронида шудааст. Айни замон унвонҷӯи соли чоруми кафедра мебошад.

Имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои “Таърих ва фалсафаи илм” (25.08.2020 баҳои “хуб”), “Забони хориҷӣ”(англисӣ) (10.05.2024 баҳои “хуб”) ва “Ихтисос” (Таърихи фалсафа) (29.06.2024 баҳои “хуб”) супорида, маълумотнома оид ба таҳсилро зери №99 аз 30.06.2024 пешниҳод кардааст.

Роҳбари илмии унвонҷӯ: Зиёев Идибек Ғозиевич – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи диншиносии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоӣ дисссертасияи Насриддинов Ҳукмиддин Наҷмиддиновичро дар мавзуи «Консепсияи

фазилати инсон дар осори ахлоқии Муҳаммад Ғаззолӣ» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03– Таърихи фалсафа таҳлилу баррасӣ намуда, дар асоси баромади муқарризони расмии таъйиншуда аз ҷониби кафедра хулосаи зеринро қабул кард:

Диссертатсяи кори илмии комилу анҷомёфта буда, дорои арзиш ва аҳаммияти назарию амалӣ ва навгонии илмӣ мебошад. Муаллиф пажӯҳиши муфассалеро анҷом додааст, ки дар натиҷа кор дар сатҳи хуби илмӣ таҳия гардидааст.

Дар рафти таҳқиқоти илмӣ унвонҷӯ аз усул ва равишҳои маъмулии илмҳои фалсафӣ истифода намуда, консепсияи фазилати инсонро дар осори яке аз мутафаккирони асримиёнагии тоҷик – Муҳаммад Ғаззолӣ мавриди пажӯҳиш қарор дода, ба натиҷаҳои назарраси илмӣ комёб гардидааст. Аз ҷумла, муҳиммияти мавзуи таҳқиқот барои соҳаи таърихи фалсафа ва ҷомеаи муосир дар сатҳи хеле хуб таҳия ва бо далелҳои муътамад асоснок карда шудааст. Тавре ки унвонҷӯ зикр менамояд “Имрӯз дар ҷаҳон таҳаввулоту тағйиротҳо ҷараён доранд, ки бо номи ҷаҳонишавӣ аксари мутлақи халқҳою кишварҳоро фаро гирифта, қисмате аз ҷавононро бо чолишҳои равонӣ, сиёсӣ, ахлоқӣ ва фарҳангии фаровону афзоишёбанда рӯ ба рӯ қарор додааст. Дар чунин вазъ ҳифзи нишонаҳои миллӣ, ҳувияти таърихӣ ва ахлоқи солиму халлоқи миллӣ аз вазифаҳои муқаддастарини ҳар шахси солимфикру ватандӯст дар самти бақову пойдории ватан ва забону фарҳанги оламшумули тоҷикон бо истифода аз арзишҳои ахлоқию маънавии ниёгон, аз ҷумла паҳлӯҳои мусбати консепсияи фазилати инсон дар осори ахлоқии Ғазолӣ, ки ба шароити имрӯза созгоранд, ба ҳисоб меравад”(С.5).

Ҳамзамон қайд кардан ба маврид аст, ки масъалаи фазилати инсон, аз ҷумла фазилатҳои ахлоқӣ барои ҷомеаи муосир, алалхусус миллати тоҷик муҳиму зарурӣ мебошад. Таҳқиқи интиқодии назариёти мутафаккирон оид ба арзишҳои ахлоқӣ, фазилатҳои инсонӣ ва камолоти маънавӣ ҷиҳати тарбияи насли нав дорои арзиши баланди назариявию

инсонӣ, ки аз ҷониби мутафаккирони фарҳанги миллӣ баён шудаанд, барои муаррифии миллати тоҷик ҳамчун мардуми соҳибтамаддун ва фарҳангсолор муҳим мебошанд.

Муаллифи диссертатсия тавонистааст, ки муҳиммияти таҳқиқи мавзуро барои соҳаи илм ва ҷомеаи муосир тавассути далелҳои муътамад исбот намояд. Мубрамияти масъалаи мавриди таҳқиқ, қабл аз ҳама, бо вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷаҳон ва кишвари мо дар замони муосир муайян карда мешавад. Дар баробари ин, бунёди давлати миллӣ, ташаккул ва рушди давлатдории миллӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо бадастории истиқлолияти давлатӣ идеологияи қаблии шуравиро иваз намуд, имрӯз ба яке аз рукнҳои асосии сиёсати давлатӣ табдил ёфта, тақозо мекунад, ки дар амалишавии чунин сиёсат тамоми шаҳрвандон ҳиссагузор бошанд.

Далели дигари муаллифи диссертатсия дар нисбати муҳим ва рузмарра будани мавзуъ қобили пазириш аст: "Масъалаи муҳим ва мубрам будани омӯзиши арзишҳои ахлоқиро бо он низ муайян кардан мумкин аст, ки баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ ва соҳибистиқлол гардидани кишвари мо, дар ҳақиқат ҳам, таваҷҷуҳи хосса ба осори ниёгон ба яке аз самтҳои афзалиятнок ва муҳими илми ватанӣ табдил ёфт, зеро аз як ҷониб, он на танҳо дорои аҳамияти бузурги илмӣ-амалӣ аст, балки аз ҷониби дигар, таҳқиқи ин осор имкони воқеӣ фароҳам меорад, ки ҷанбаҳои мусбати онҳо дар ташаккули худшиносии миллӣ, ватану ватандорӣ, ҳифз ва ба мерос мондани сарвати маънавии гузаштагонамон барои наслҳои минбаъда нақши муҳим бозанд. Дар ин самт низ осори ахлоқии Ғазолӣ метавонад судманд бошад"(С.3).

Қисмати сатҳи коркард ё дараҷаи омӯзиши мавзуъ мувофиқ ба талаботҳои муқарраргардида иҷро шудааст. Муаллиф тавонистааст, ки сарчашмаҳои зиёдро мутолиа ва онҳоро гурӯҳбандӣ намояд. Пеш аз ҳама, осори Муҳаммад Ғазолиро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, дар баробари онҳо сарчашмаҳои муътамад, инчунин осори таҳқиқотии

зиёдро мавриди истифода қарор дода, дар ин замина таҳқиқталабии мавзуи кори илмии худро мушаххас намудааст.

Пойгоҳи илмӣ-методологии диссертатсияи Насриддинов Ҳ.Н. мувофиқи талабот аст. Асоси методологии таҳқиқоти диссертатсиониро усулҳои таърихӣ-фалсафӣ, усули аксиологӣ ва интиқодӣ, усули гузариш аз таҳлили тачридӣ ба таҳлили мушаххас, усулҳои муқоисавӣ, санчишӣ, таҳлил ва таркиб, коркарди мавод ва ғайра ташкил медиҳанд. Бо истифода аз усулҳои зикргардида диссертант тавонистааст, ки таҳлили мантиқӣ ва системавиро ба сомон расонида, ба ҳадафи гузоштаи худ ноил гардад. Ҳамин аст, ки дар диссертатсия навгониҳо ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда бо мавзуи таҳқиқ ва объекту предмет мувофиқати пурра доранд.

Саҳми шахсии муаллиф дар раванди анчом додани таҳқиқот возеҳ мебошад. Аз муҳтавои диссертатсия бармеояд, ки муаллифи он дар раванди таҳқиқ иштироки бевосита дошта, саҳми арзандаи худро гузоштааст. Муайян намудани вазифаҳои таҳқиқ ва хулосаҳои пешниҳодшуда аз мустақилияти фикрӣ ва қобилияти эчодии диссертант шаҳодат медиҳанд.

Паҳлӯҳои мухталифи асосҳои назариявӣ ва амалии консепсияи фазилати инсон дар осори ахлоқии Муҳаммад Ғазолиро мавриди таҳқиқ қарор дода, фаҳмиши нав ва тафсиру тавзеҳи муаллифии баъзе аз мафҳумҳои асосии ба мавзуъ дахлдоштаро пешниҳод намуда, дар интишороти илмии худ онҳоро инъикос кардааст:

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар мачаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Чумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

1. Насриддинов Ҳ.Н. Шарофат ва манзалати ақл аз нигоҳи Муҳаммад Ғазолӣ// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, №10. - Душанбе, 2020. -С. 296-210.

2. Насриддинов Ҳ.Н. Баъзе андешаҳои Муҳаммад Ғазолӣ оид ба тарбияи ахлоқӣ// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, №1. - Душанбе, 2021. -С.96-102.

3. Насриддинов Ҳ.Н. Ҷойгоҳи илми ахлоқ дар таснифоти илмҳо (Классификатсияи илмҳо аз назари Ғазолӣ)// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, №6. - Душанбе, 2024. -С.132-139.

4. Насриддинов Ҳ.Н. Фазилатҳои ахлоқӣ дар таълимоти Муҳаммад Ғазолӣ// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, № 7. - Душанбе, 2024. - С. 144-151.

5. Насриддинов Ҳ.Н. Мафҳуми шуури динӣ дар таълимоти Муҳаммад Ғазолӣ// Ахбори ИФСҲ АМИТ №2 (1). - Душанбе, 2024. -С. 155-161.

6. Насриддинов Ҳ.Н. Таснифоти илмҳо аз назари Муҳаммад Ғаззолӣ// Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенди Ҷумҳурии Тоҷикистон. №№4 (12). 2024. –С. 76-79.

II. **Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои дигар чоп шудаанд:**

7. Насриддинов Ҳ.Н. Мафҳуми хулқи неку аз назари Муҳаммад Ғаззолӣ"// Маводи конференсияи умумидонишгоҳии илмию назарявии ҳайати устодону кормандони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба "30- юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон шудани соли 2024" ва "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф солҳои 2020-2040". –Душанбе, 2024. Ҷ. II, -С. 78-81.

8. Чаҳор фазоили ахлоқӣ дар осори Муҳаммади Ғазолӣ// Маҷмуаи маводи конференсияҳои МДТ "Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам – Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит". – Душанбе, 2024. – с. 35-42.

9. Масъалаи таҳаммулпазирӣ дар осори Муҳаммади Ғазолӣ// Маҷмуаи маводи конференсияҳои МДТ "Донишкадаи исломии

Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам – Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит”. – Душанбе, 2024. – С. 73-81.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ он аст, ки бори аввал дар таърихи фалсафаи ватанӣ консепсияи фазилати инсон дар осори ахлоқии Муҳаммад Ғазолӣ мавриди таҳқиқи ҷудогона қарор гирифтааст. Навгониҳои илмии таҳқиқот ба таври мушаххас дар он ифода меёбад, ки дар он бори аввал:

- дар асоси таҳлили маводи дастрас моҳияти консепсияи фазилати ахлоқӣ, ки он дар таълимоти ахлоқии Ғазолӣ мақоми асосӣ дорад, равшан карда шуда, қаробат ва тафовути мавқеи ӯ дар муқоиса бо файласуфон, суфиён ва руҳониён дар ин мавзуъ муайян гардидааст;

- ошкор карда шудааст, ки мутафаккирони Юнони Қадим, намояндагони фалсафа ва ирфон нисбати фазилатҳои ахлоқӣ мавқеъҳои гуногунро ишғол намуда, умумият, ихтилоф ва қаробату дурии андешаҳо байни онҳо чашмрас мебошанд;

- собит гардидааст, ки фазилатҳои ахлоқӣ, аз нигоҳи Ғазолӣ, маърифати ахлоқии олам ва инсон буда, аз ҷониби ӯ ба таври омехта - дар пояи дин, фалсафа ва ирфон тавзеҳ ёфтаанд ва ин гуна фаҳмиши моҳияти фазилатҳо ба таълимоти ахлоқии мутафаккирони баъдӣ таъсири бузург расонидааст;

- робитаҳои ботинӣ ва зоҳирии фазилатҳои ахлоқӣ дар таълимоти ахлоқии Ғазолӣ мушаххас ва равшан гардида, онҳо аз ҷиҳати ҳадаф ирфонӣ ва аз ҷиҳати моҳият умумиахлоқӣ арзёбӣ шудаанд;

- дар заминаи омӯзиши осори ахлоқии Ғазолӣ фазилатҳо ба умумиахлоқӣ ва ахлоқӣ-ирфонӣ тақсимбандӣ шуда, таъсири мутафаккир дар рушди минбаъдаи консепсияи аз нав коркардшуда ва таҳаввулёфта оид ба фазилатҳои ахлоқӣ муайян гардидааст;

- дар асоси таҳлили аксиологӣ ва интиқодӣ арзишмандӣ ва ё баръакс, созгор набудани баъзе паҳлӯҳои таълимоти умумиахлоқӣ ва ахлоқӣ-ирфонии Ғазолӣ, хусусан консепсияи фазилати инсон дар осори ахлоқии ӯ, ба талаботи даврони муосир муайян карда шудааст.

Пешниҳоди муаллифи диссертатсия дар мавриди он, ки нуктаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсияро барои коркарди курсҳои махсуси таълимӣ ва лексияҳо оид ба таърихи фалсафа, ахлоқу зебоишиносӣ ва ғайра метавон истифода бурд, қобили қабул мебошад. Илова бар ин, аҳамияти назариявии таҳқиқот аз он иборат аст, ки ақидаҳои фалсафию ахлоқии мутафаккирони тоҷик, махсусан Муҳаммад Ғазолӣ равшанӣ андохта, дар оянда барои таҳқиқи консепсияи фазилати инсон дар таълимоти файласуфони дигар метавонанд аз ҷониби муҳаққиқон мавриди истифода қарор гиранд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот натиҷаҳои таҳқиқот ба воситаи асосҳои назариявию методологии диссертатсия асоснок мебошад. Ҳамчунин, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар бе зиддиятии мантиқии муҳокимаю хулосабарориҳо, пайдарҳамии фирку андеша, ва равшану возеҳии онҳо буда, истифодаи методҳои илмии истифодашуда бо таҳқиқоти таърихи фалсафа ва инсоншиносӣ ифода меёбад. Муқаррароти асосии таҳқиқотро мақомоти дахлдор метавонанд барои ташаккул ва рушди худшиносии шаҳрвандон ва таҳияи консепсия ва барномаҳо дар ин самт мавриди истифода қарор диҳанд. Маводи дар диссертатсия таҳлил ва ҷамъбастшударо барои таҳияи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ аз фанҳои таърихи фалсафа, фалсафаи ахлоқ, инчунин курсҳои махсус оид ба ин фанҳо метавон истифода бурд.

Диссертатсяи Насриддинов Ҳ.Н. дар мавзуи «Консепсияи фазилати инсон дар осори ахлоқии Муҳаммад Ғаззолӣ» кори анҷомёфтаи илмӣ буда, аз рӯи мазмуну мундариҷа бо ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа пурра мувофиқат намуда, аз рӯи сохтори худ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсияи Насриддинов Ҳукмиддин Наҷмиддинович дар мавзуи “Консепсияи фазилати инсон дар осори ахлоқии Муҳаммад

Ғаззолӣ" ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа ҷавобгӯ ба меъёр ва талаботҳои кори илмӣ буда, барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Хулосаи мазкур дар маҷлиси кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафа қабул гардид. Дар ҷаласа иштирок карданд 16 нафар. Натиҷаи овоздиҳии кушода, ҷиҳати ба ҳимоя пешниҳод шудани диссертатсияи Насриддинов Ҳукмиддин Наҷмиддинович ба тариқи зайл сурат гирифт:

Тарафдор - 16 нафар; зид - нест, бетараф нест. Суратҷаласаи №4 аз 13.11.2024с.

**Мудири кафедраи таърихи**
**фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети**
**фалсафаи ДМТ, д.и. фалс., дотсент** **Амирхон Ш.Т.**

**Котиби ҷаласа, дотсенти кафедра** **Давлатов П.Н.**

**Имзои Амирхон Ш.Т.**
**ва Давлатов П.Н.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН TAJIK NATIONAL UNIVERSITY УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ